«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т.,
профессор Ибодуллозода А.И. ______________
«__09__» ____02______ 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим **«Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик, бо фармони №3918, аз 28.10.2020 хатм намудааст.

Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим аз соли 2020 то ҳоло унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб меравад.

**Роҳбари илмӣ** – Элбоев Вафо Ҷӯрақулович, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26.12.2020, таҳти № 5/7.12 тасдиқ гардидааст.

**Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Ба таври муқоиса омӯхтани мероси адабии шоирон ва нависандагони Тоҷикистон ва Афғонистон аз амалҳои хуб ва равиши дурусти илмӣ маҳсуб мешавад, чунки дар муқоиса ҳунари шоир ё нависанда беҳтару бештар муайян мегардад ва робитаҳои адабии кишварҳои ҳамзабон зиёдтар густариш меёбад.

Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ аз шоирони мубтакир, соҳибмактаб ва навгӯ дар адабиёи муосири Тоҷикистон ва Афғонистон ва қаламрави форсизабонон ба ҳисоб меравнд, ки ин нукта дар гузоришҳои донишмандони зиёд таъкид шудааст. Ин ду шоир аз худ мероси адабии ғановатманде дар анвои гуногуни адабӣ ба ёдгор гузоштаанд, ки аз дастовардҳои хуби адабиёти муосир мебошанд.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал оид ба рӯзгору осор ва ҷойгоҳу мақоми шеъри Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар адабиёти муосири Тоҷикистон ва Афғонистон таҳқиқоти хуби муқоисавӣ анҷом дода, оид ба масъалаҳои гуногуни мавзуи таҳқиқшаванда хулосаҳои дақиқ баровардааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳои мушаххас гузоштааст:

– Шиносондани беҳтари рӯзгор ва осори ҳар ду шоир дар адабиёт ва фарҳанги ҳар ду кишвар;

– дар заминаи нашрҳои ашъори шоирон аниқ ва муқоиса намудани тавоноиҳои ҳунарӣ ва сароиши шеъри Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ;

– бо далелҳои муътамад муайян ва дақиқ намудани ҷойгоҳи мавзуъҳои иҷтимоии матраҳкардаи ҳар ду шоир;

– дидгоҳи донишмандони ҳар ду кишварро нисбат ба эҷодиёт ва маҳорати адабии ҳар ду шоир баррасӣ кардан;

– шеърият дар шеър ва низоми вожагонии шеъри ҳар ду шоирро ба таври муқоиса ба пажӯҳиш гирифтан;

– бо таҳқиқи қиёсӣ баррасӣ намудан ва шиносонидани ҷойгоҳи мавзуи табиат, унсурҳои мунозира, афкори адабӣ дар шеъри Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ;

– бо диди интиқодӣ муайян ва таҷдид намудани озодагӣ ва навандешӣ дар дарунмояҳои шеъри Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ;

– баррасӣ ва пажӯҳиш намудани забон ва сабки баёни Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ;

– ба таври қиёсӣ нишон додан ва муайян намудани нақш, ҳунару маҳорат ва истеъдоди фитрии Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар истифодаи саноеи бадеӣ.

**Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** нашрҳои мухталифи осори шоирон Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ, ки дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд, махсусан се нашри «Куллиёт»-и Лоиқ Шералӣ (Хуҷанд, 2001-и м., Теҳрон, 1383-и ҳ.ш., Душанбе, 2008-и м.) ва ҳафт маҷмуи ашъори Латиф Нозимӣ: 1. «Сиёҳмашқҳои мадраса». – Ҳирот, 1343 ҳ.ш. 2. «Зери он дарахти чанор»/Маҷаллаи «Паштун жаг». – Кобул, 1347 ҳ.ш. 3. «Бод дар фонус». – Кобул, 1365ҳ.ш. 4. «Соя ва мурдоб». – Кобул, 1365 ҳ.ш. 5. «Аз боғ то ғазал». – Пешовар (Покистон),1379 ҳ.ш. 6. «Ойинаҳо дурӯғ намегӯянд». – Ҳомбург (Германия), 1392 ҳ.ш. 7. «Хоби алаф». – Ҳомбург (Германия), 2016 м. мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқи диссертатсиониро асарҳои илмию назариявии донишмандон ва муҳаққиқони адабиёти муосири форсии тоҷикӣ С.Айнӣ, М.Шукуров, Ш.Ҳусейнзода, А.Сатторзода, Х.Шарифов, Х.Асозода, А.Насриддин, Ю.Акбаров, М.Нарзиқул, Сируси Шамисо, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Аллома Салҷуқӣ, Восифи Бохтарӣ, Абдулқаюми Қавим, Муҳаммад Козим Козимӣ, Партав Нодирӣ ва дигарон ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои муқоисавӣ-таҳқиқӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, консепсияи

таҳлили забону услуби асари бадеӣ ва таҳқиқи типологии жанрҳо истифода намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ ва нақши ин шоирон дар густариши адабиёти муосири форсии тоҷикии дарӣ мебошад. Инчунин, бори нахуст дар ин диссертатсия масъалаҳои ҷасоратҳои адабии ин ду шоир, ҳунари шоирон дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, истифодаи унсурҳои мунозира дар шеър, афкори адабии Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ, ҷойгоҳи санъатҳои шеърӣ, баррасии мавзуоти иҷтимоӣ, тасвири табиат дар шеъри ин шоирон дар доираи як асари мустақил дар заминаи таҳқиқоти монографӣ бо доираи пажуҳиш кашида шудаанд.

**Арзиши назарӣ ва амалии** таҳқиқро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, робитаҳои адабӣ, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълим аз таърихи адабиёти муосири форсии тоҷикӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ истифода кард. Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсия ҳангоми таҳия ва таълифи бахшҳое аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, назмшиносӣ, сабкшиносӣ, каломи бадеъ, навиштани диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, рисолаҳои магистрӣ, корҳои дипломӣ ва корҳои курсӣ истифода бурда мешавад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Салҷукӣ Муҳаммад Қосим дар 4 мақолаи чопнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Салҷуқӣ, М.Қ. Вижагиҳои муҳтавоии шеъри муосири форсӣ [Матн] / М.Қ.Салҷуқӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №1(90). – С.187-193.

[2-М]. Салҷуқӣ, М.Қ. Вижагиҳои шаклӣ (шакл, вазн, қофия) дар шеъри муосири форсии дарӣ [Матн] / М.Қ.Салҷуқӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №2(91). – С.188-191.

[3-М]. Салҷуқӣ, М.Қ. Таҳқиқи муҳтавоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ [Матн] / М.Қ.Салҷуқӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4(99). – С.217-222.

[4-М]. Элбоев В., Салҷуқӣ, М.Қ. Ҳунари Лоиқ Шералӣ дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ [Матн] В.Элбоев., М.Қ.Салҷуқӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4(99). – С.229-235.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи «Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ»-ро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи «Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №6, аз 30.01.2024

**Раиси ҷаласа:** **Солеҳов Ш.А., доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Котиби илмии кафедра,**
**н.и.ф., дотсент** **Шоев А.А.**

**Имзоҳои Ш.А.Солеҳов ва А.А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.**
**Тел.: +992 (37) 224 13 83**
**e-mail: info@tgpu.tj**
**www.tgpu.tj**